ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 26 с.

Қаҳрамони Тоҷикистон устод Айнӣ аз донишмандони зуфунуни садаи ХХ маҳсуб ёфта, дар ривоҷи риштаҳои мухталифи илм, чун адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихшиносӣ ва ғ. саҳми назаррас гузоштааст. Хосатан, доир ба паҳлуҳои мухталифи забоншиносӣ чандин асару мақолаҳои пурвусъат дорад, ки дар ҳассостарин лаҳзаҳои таърихӣ нақши ҳалкунанда бозидаанд.

Яке аз хидматҳои мондагори устод Айнӣ таълифи фарҳанги тафсирист, ки солҳои 30-юми садаи ХХ рӯйи коғаз омада, мутаассифона, хеле дер дасти соҳибзабонон расид.

Доир ба фарҳанги мазкури устод Айнӣ рисолаву мақолоти зиёди илмӣ анҷом ёфтааст, вале таҳқиқи вижагиҳои луғавии он мавриди баррасии диссертатсионӣ қарор нагирифта буд. Ҳамин кори муҳимми илмиро унвонҷӯ Зоитова Моҳира ба анҷом расонидааст, ки шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи унвонҷӯ М. Зоитова аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст.

**Дар муқаддимаи рисола** оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаи таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявиву амалии таҳқиқ ва ғ. маълумот дода шудааст.

**Боби якуми диссертатсия «Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ** (барои – М.О.) **забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ»** ном дошта, шаш фаслро фаро гирифтааст.

Фасли якум «Мафҳум, мазмуну моҳият ва хусусиятҳои калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ» ном дошта, дар ин фасл вижагиҳои калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ ба сифати яке аз қабатҳои махсуси луғавӣ ва мақоми онҳо дар осори адибон баррасӣ шудааст.

Фасли дуюми боби якум «Воҳидҳои луғавии марбут ба либос ва пойафзол» унвон гирифтааст. Дар заминаи маводи фарҳанги устод Айнӣ унвонҷӯ ин гурӯҳи луғавии забонро аз рӯйи истифода ба ду гурӯҳ тасниф кардааст: гурӯҳи аввал калимаҳоеро фаро гирифтаанд, ки «баъд аз тадвини луғатнома чандин даҳсола дар хизмати аҳли илму фарҳанг будаанд ва аз тарафи аҳли забон истифода шуда бошанд ҳам, то имрӯз хусусиятҳои лаҳҷавиашонро гум накардаанд» (с.10). Ба ин гурӯҳ муҳаққиқ вожаҳои *абра, адрас, бахя, гулдӯзӣ, дастмол, дастрӯмол, дарз, фаровез* ва ғ.-ро ворид намудааст. Ба гурӯҳи дуюм вожаҳое мансуб дониста шудаанд, ки то ҳол пурра умумихалқӣ нашудаанд, мисли *ангала, баҳла, буб, гуйангала, ғито, химор, лачак* ва ғ.

Фасли сеюми боби якум «Воҳидҳои луғавии марбут ба ҳайвонот ва парандагон» унвон дорад. Ин навъи аносири луғавӣ ҳамчунин ба ду гурӯҳ дастабандӣ шудаанд: 1) калимаҳои маъмули умумихалқӣ; 2) воҳидҳои луғавии хоси гӯйиш (с.10-11).

Фасли чоруми боби якум «Воҳидҳои луғавии марбут ба растаниҳо» ном дорад. Унвончӯ маводи луғатномаи устод Айниро ба навъҳои мансуби дарахтони мевадору бемева, гулу гиёҳ ва номи анвои полезиҳо ҷудо намудааст, мисли калимаҳои халқии гуфтугӯйӣ мансуб ба дарахтони мевадиҳандаи амсоли анҷир: *боданҷир, беданҷир...;* мансуб ба зардолу *баргак, давча, туршак, ҳаштак* ва ғ. тасниф шудаанд.

Фасли панҷуми боби якум «Воҳидҳои луғавии марбут ба асбоби рӯзгор» унвон гирифтааст. Дар заминаи маводи фарҳанги устод Айнӣ онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: 1) вожаҳое, ки умумихалқианд, аммо баъзе хусусиёти муҳимми савтии лаҳҷавӣ доранд, мисли *дастафзор, абзол, оташгирак, оташков, хокандоз, мӯйчинак* ва ғ.; 2) калимаҳое, ки то имрӯз моҳияти лаҳҷавии худро гум накардаанд, мисли газина - *путк,* калбатон - *анбур,* камонча - *ғижжак*, ошхӯрак – *пешгири бачагона* ва ғ.

«Дигар қабатҳои луғавии халқӣ-гуфтугӯйӣ» унвони фасли шашуми боби якум аст. Дар ин фасл воҳидҳои луғавии марбут ба бемориҳо, бозиҳо, сохтмон, маҳсулот, узвҳо, хешутаборӣ, номи анвои хӯрок ва маҳсулоти хӯрок, ҳунарҳо ва ғ. таҳлил шудаанд.

**Боби дуюми диссертатсия «Калимаҳои иқтибосӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ»** унвон гирифта, фарогири чаҳор фасл аст ва «Матолиби муқаддамотӣ» унвони фасли якуми боби дуюм аст.

Фасли дуюми боби дуюм «Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Луғатнома»-и С. Айнӣ» номгузорӣ гардида, аз ду зерфасл; «Баррасии аҳаммият ва заминаҳои воридшавии иқтибосоти арабӣ» ва «Шакли ҷамъи мукассари калимаҳои арабӣ дар «Луғатнома»-и С. Айнӣ» фароҳам омада, аносири арабии фарҳангнома мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм – «Калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар «Луғатнома»-и С. Айнӣ», воҳидҳои луғавии туркии муғулии фарҳанги устод Айнӣ аз рӯйи мансубият ба номи ашё: *қолин, ялоқ, қошуқ, қайчӣ, юғ*, номи анвои хӯрок: *кумоч, қаймоқ, қурут*, калимаҳои низомӣ: *қундоқ, қӯшун, ясав* ва ғ. таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли чоруми боби дуюм «Калимаҳои иқтибосӣ аз дигар забонҳо дар «Луғатнома»-и С. Айнӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, мисли марбут ба забонҳои хеши бохтарӣ, портӣ, суғдӣ, модӣ ва ҳамчунин аз забонҳои бегонаи юнонӣ, хитойӣ ва ғ.

**Боби сеюми диссертатсия – «Сохтори калимаҳои тафсиршуда дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ»,** аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал – «Матолиби муқаддамотӣ», вожасозӣ ва нақши он дар ғановати таркиби луғавӣ таҳқиқ шудааст.

Фасли дуюми боби сеюм «Нақши пасвандҳо дар сохтани калимаҳо» унвон гирифта, дар он қолабҳои калимасозӣ тавассути пасвандҳо баррасӣ гардидааст. Бояд гуфт, ки хусусиятҳои вожасозии ҳар як пасванди калимасоз дар алоҳидагӣ таҳқиқ шудааст (с.17-19).

Фасли сеюми боби сеюм «Сохтори калимаҳои мураккаб» ном дошта, унвонҷӯ ин воҳидҳои луғавии фарҳангномаро ба ду гурӯҳ: 1) вожаҳои мураккаби пайваст; 2) вожаҳои мураккаби тобеъ ҷудо намудааст.

**Хулосаҳои муҳаққиқ** дар 9 банд натиҷагирӣ шудааст.

Дар баробари муҳассанот дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудӣ ва лағзишҳои илмӣ ба чашм расиданд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор ҳусни нав хоҳад бахшид:

1. Дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз рисолаҳои диссертатсионии дотсентон М.Аҳмадов ва М.Тиллохоҷаева, ки бевосита ба фарҳанги устод Айнӣ ихтисос доранд, ёд нашудааст.
2. Чун вожаҳои гуфтугӯйии халқӣ баррасӣ шуданд, таҳқиқи калимаҳои адабии китобии луғатномаи устод Айнӣ, ки панҷоҳ дарсади фарҳангро ташкил мекунанд, муҳим менамояд.
3. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ низ дучор мешаванд (с. 5, 11, 12, 14, 15).

Камбудиҳои ёдшуда, ҷузъӣ буда, ҳаргиз сифати корро паст намекунанд.

Ҳамин тавр, метавон ба натиҷае расид, ки кори тадқиқотии Зоитова Моҳира дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» кори анҷомёфта мебошад.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намудааст.

Дар асоси автореферат метавон ба чунин хулосае расид, ки диссертатсияи номзадии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ-и
«ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Олимҷонов Мусо Обидович

«09» феврали соли 2024

«Имзои дотсент М.Олимҷоновро тасдиқ менамоям».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Эҳсон Мамурович

Суроғаи муассиса: 735700, ш. Хуҷанд,
хиёбони Мавлонбеков, 1.
Тел: (992-3422) 6-52-73;
E-mail: rektor@hgu.tj